Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға 734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич ба диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзӯи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) ба бандҳои зерини Феҳристи шиносномаи соҳаи иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), банди 1.1. “Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ”, 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоравӣ, андоз ва ғ.) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун”, 1.10. “Назария ва методологияи буҷасозӣ”, 1.13. “Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ”, 1.16. “Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)”, 3.2. “Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит ва назорат”, 3.9. “Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат”) мувофиқ аст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Истеҳсолоти кишоварзи вобаста ба шароити муосири рушди иқтисодии кишвари мо дар худ соҳаи стратегии хоҷагии халқро таҷассум намуда, объекти асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва сарчашмаи афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохили

(ММД)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мақсади асосии рушди истеҳсолоти кишоварзи ин таъмин намудани мустақилӣ ва бехатарии озуқаворechии кишвар бо роҳи баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, беҳтар гардонидани сифат, васеъ намудани номгӯйи маҳсулот ва паст гардонидани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда дар корхонаҳои кишоварзимебошад.

Дар шароити имрӯзаи рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ, ки бо дороиҳои биологӣ сару кор доранд, ҳангоми ташкили баҳисобгирӣ ва назорати натиҷаҳои шакливазкунии биологӣ ба талаботҳои СБҲМ такя намудан лозим мебошад, зеро иттиллоте, ки мувофиқи ин талаботҳо ташаккул дода мешаванд, ҳам барои истифодабарндагони берунӣ ва ҳам барои менеҷменти корхона зарур мебошад. Дар баробари ин, дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати табдилёбии биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ муаммоҳои зиёде ҷой доранд, ба монанди масъалаҳои терминологии дороиҳои биологӣ, гуруҳбандии дороиҳои биологӣ, методикаи ягонаи баҳодиҳии онҳо, моҳияти даромадҳо ва хароҷот аз шакливазкунии биологии дороиҳои биологӣ, муаммоҳои ташкили назорати дохилии ҷараёни табдилёбии биологӣ. Бар замми ин, муқаррароτҳои назариявӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-методӣ ва амалии мукамалгардонии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ мусоидат мекунанд, пурра коркард карда нашудаанд. Бинобар ин, зарурати таҳқиқоти рушди асосҳои консептуалӣ ва ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ пеш меояд. Гуфтаҳои боло, аз рузмарра ва муҳим будани мавзуи диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ дар диссертатсия пешниҳод карда шудаанд ва дар шакли хулоса ва тавсияҳо баён гардидаанд, бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, таҳлили маълумот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, коркарди методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ тасдиқи худро ёфтаанд.

Навгонии илмӣ дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ ва назорат, инчунин дар ин замина коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ иборат мебошад. Ба муқаррароте, ки унсурҳои навгонии илмиро ифода мекунанд, дохил мешаванд:

- дар асоси ҷамъбасти назарияҳои илмӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи кишоварзи мафҳуми “дороиҳои биологӣ” дақиқ карда шуда, таърифи муаллифии он пешниҳод карда шудааст. Таснифоти дороиҳои биологӣ дар хоҷагии қишлоқ аз рӯйи якчанд аломатҳо асоснок карда шудааст, ки унсурҳои зеринро фаро мегиранд: вобаста аз намуди паранда, аз рӯйи самт, аз рӯйи усули истифодабарӣ, аз рӯйи давраҳои иштирок дар ҷараёни хоҷагидорӣ, аз рӯйи гурӯҳбандӣ вобаста ба синну сол, аз рӯйи методикаи баҳодиҳии арзиши онҳо, аз рӯйи муҳлати истифодабарӣ, аз рӯйи тавсифи инъикос кардани истеҳлок, аз рӯйи ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ, вобаста аз мақсади истифодабарӣ, аз рӯйи идора намудани таваккалҳо;

- хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии хоҷагии парандапарварӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсири муҳим мерасонанд, муайян карда шудааст, инчунин тартиби баҳисобгирии хароҷот, интихоби усулҳои баҳисобгирӣ ва тақсимкунии хароҷоти барилова, таркиб ва номгӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ ошкор ва асоснок карда шудаанд;

- мавқеи назорати дохилӣ дар низоми идоракунии корхонаи парандапарварӣ таҳқиқ карда шуда, таърифҳои мафҳумӣ ва усулии мукаммалгардидаи “назорати дохилӣ” пешниҳод карда шудааст. Назорати дохилӣ –унсури низоми идоракунии корхона буда, бо ёрии он мақомоти идоракунӣ ва кормандони ширкат менеҷменти босифат ва оқилонаро тавассути ошкорсозии тамоюлҳо аз натиҷаҳои эҳтимолӣ дар тамоми сатҳҳо, марҳилаҳо ва ҷараёнҳо кафолат дода, барои омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилӣ ва берунӣ, таъмини самаранокӣ ва самарабахшии фаъолият ва риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрии танзимкунанда равона шудааст. Модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ коркард ва асоснок карда шудааст;

- ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ ва муайянкунии арзиши тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ мавриди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда, модели муайян кардани объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ коркард гардида, бо назардошти хусусиятҳои ташкилӣ-технологии корхонаҳои парандапарварӣ дар ҳисоби куллии 10751 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» кушодани ҳисобҳои таҳлилӣ асоснок карда шуда, тартиби инъикоси амалиётҳо нишон дода шудааст. Вобаста ба ин, модели баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳогузории маҳсулоти асосӣ ва иловагии (дуюмдараҷа ва сеюмдараҷа) соҳаи парандапарварӣ коркард карда шудааст;

- технологияи буҷетикунонии ҷараёни шакливазкунии биологӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ ҳамчун воситаи муассири баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ асоснок карда шуда, стандарти (низомномаи) буҷетикунонии корхонаҳои парандапарварӣ таҳия карда шуда, бо дарназардошти нишондиҳандаҳои пешбинишудаи саршумори парандагон (тухм, гӯшт, афзоиши вазни зинда) буҷети истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ пешниҳод карда шудааст;

- роҳҳои рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назоратии дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ, мукаммалсозии шаклҳои ҳуҷҷатгузории ибтидоӣ ва аналитикӣ (ҷузъи) баҳисобгирӣ коркард ва асоснок карда шудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти гузаронидани таҳқиқот, эътимоднокии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои корҳо ва интишорот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд. Ҳамчунин аз ҷониби муаллиф дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи ҳақиқӣ аз муҳосиботи корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба мекамалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати шакливазкунӣ ва тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ коркард грдидааст.

**Дар боби якум «Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ»** асосҳои назариявии дороиҳои биологӣ ва таснифоти онҳо дар соҳаи парандапарварӣ таҳқиқ карда шуда, хусусиятҳои технологӣ-соҳавии парандапарварӣ ва ташкили баҳисобгирӣ ва мавқеи назорати дохилӣ дар низоми менеҷменти корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Яке аз натиҷаҳои назаррас дар диссертатсия он мебошад, ки муаллиф заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, асарҳои илмии олимон ва нуқтаи назари онҳоро оид ба дороиҳои биологӣ ҳадафи омӯзиш қарор дода, ба хулосае омадааст, ки “дороиҳои биологӣ тамоми маҷмуи организмҳои зиндаи хоҷагии қишлоқ, ки дар ҷараёни шакливазкунии биологӣ зери таъсири ҷараёнҳои генетикӣ ба миён омада, ба монанди афзоиши сатҳи истеҳсолот, такрористеҳсолшавӣ ва якҷояшавӣ имконияти додани дороиҳои биологии алтернативӣ ва ё маҳсулот (маҳсулоти тайёр барои истеъмол ва ё коркард дар оянда) доранд, ва дар ҷараёни истифода аз онҳо дигар намуди маҳсулот, фоидаи имконпазир гирифта шавад ва ё онҳо сарчашмаи боигарии миллии кишвар гарданд, ифода мекунад” (саҳ. 15).

Ҳамчунин таснифоти дороиҳои биологӣ аз рӯйи аломатҳои зерин пешниҳод намудааст: вобаста аз намуди паранда, аз рӯйи самт, аз рӯйи усули истифодабарӣ, аз рӯйи давраҳои иштирок дар ҷараёни хоҷагидорӣ, аз рӯйи гурӯҳбандӣ вобаста ба синну сол, аз рӯйи методикаи баҳодиҳии арзиши онҳо, аз рӯйи муҳлати истифодабариашон, аз рӯйи тавсифи инъикос кардани истеҳлок, аз рӯйи ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ, вобаста аз мақсади истифодабарӣ, аз рӯйи идора намудани таваккалҳо (саҳ. 16). Инчунин вобаста ба натиҷаи таҳқиқот таснифоти парандаҳо ҳамчун дороиҳои биологӣ дар расми 1.1.1. пешниҳод карда шудааст.

Муаллиф дар саҳифаи 22 диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки тибқи талаботи СБҲМ 41 «Хоҷагии қишлоқ» мурғони бавоярасидаи наслдиҳанда ва саноатиро бояд ба дороиҳои гардони дороиҳои биологии ҳайвонотпарварӣ дохил намудан пеш меояд. Муаллиф қайд мекунад, ки объектҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи парандапарварӣ ин намудҳо ва гурӯҳҳои он мебошанд. Ӯ пешниҳод менамояд, ки дар баҳисобгирии бухгалтерӣ чунин объектҳои баҳисобгирии мурғони бавоярасида ҳамчун дороиҳои биологии дарозмуддат истифода карда шаванд (саҳ. 25). Ҳамзамон муаллиф дуруст қайд мекунад, ки дар баҳисобгирии бухгалтерии соҳаи парандапарварӣ - паранда дороии биологӣ буда, тағйирёбии биологии он бошад, бавоярасӣ ва афзоиш ёфтани он мебошад. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки аломати асосии тағйирёбии дороии биологӣ - ин аз лиҳози биологӣ дигаргун шудани он мебошад, ки равандҳои афзоиш, истеҳсолот ва такрористеҳсолро дар бар мегирад ва дороиҳои биологиро ба тағйирёбиҳои миқдорию сифатӣ

Дар зербои 1.2. таъсири хусусиятҳои технологӣ-соҳавии парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирӣ баррасӣ гардида, қайд карда шудааст, ки технологияи истеҳсоли маҳсулоти паранда ҷараёнҳои истеҳсолӣ, зерҷараёнҳо, амалиётҳои технологӣ (масалан, истеҳсоли тухми инкубатсионӣ, парвариши чӯҷаҳои ивазкунанда, нигоҳдории мурғони тухмдиҳанда, ба навъҳо ҷудо кардан ва бандубасти тухм), звеноҳои технологӣ (парвариши чӯҷаҳои ивазкунанда, нигоҳубини тӯдаи чӯҷадиҳанда, парвариши чӯҷаҳои бройлерӣ), реҷаи технологӣ (санаи воридшавии паранда, синну сол, миқдори интиқол, давомнокии нигоҳдорӣ ва ғайра), хатҳои технологиро дар бар мегирад (саҳ. 34), ки ҳангоми ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти паранда муҳим ҳисобида мешавад. Хусусиятҳои технологӣ ва ташкилии соҳаи парандапарварӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсир мерасонанд, дар ҷадвали 1.2.2 оварда шудааст (саҳ. 37-38). Хусусияти парандапарварӣ дар он аст, ки истеҳсоли маҳсулот дар доираи ҷараёнҳои технологӣ амалӣ карда мешавад. Бинобар ин, ақидаи муаллиф, ба объекти баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои соҳаи

парандапарварӣ ворид намудани тухм, афзоиши вазни зиндаи мурғон ва чӯҷаҳои шабонарӯзӣ қобили дастгирист (саҳ. 46).

Ҳамчунин дар зербоби 1.3 муаллиф мавқеъи назорати дохилиро дар низоми менеҷменти корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ таҳқиқ намуда, пешниҳод намудааст, ки таърифи мукаммалгардидаи "назорати дохилӣ" чунин бошад. Назорати дохилӣ –унсури низоми идоракунии корхона буда, бо ёрии он мақомоти идоракунӣ ва кормандони ширкат менеҷменти босифат ва оқилонаро тавасути ошкорсозии тамоюлҳо аз натиҷаҳои эҳтимолӣ дар тамоми сатҳҳо, марҳилаҳо ва ҷараёнҳо кафолат дода, барои омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилӣ ва берунӣ, таъмини самаранокӣ ва самарабахшии фаъолият ва риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрии танзимкунанда равона шудааст (саҳ. 58). Инчунин модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ коркард ва пешниҳод кардааст, ки субъект ва объекти назорати дохилиро фармегиард, аҳамияти илмию амалӣ дорад (саҳ. 65).

Боби дуюми диссертатсия **«Баҳодиҳии ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ»** ба баррасии муаммоҳои тасниф ва ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти парандапарварӣ, масъалаҳои такомули методикаи ҳуҷҷаткунонӣ ва баҳисобгирии ҷузъии хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ, баррасӣ ва таҳқиқи методикаи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби 2.1 боби дуюм саҳми таҳилҳои муаллиф арзишманд буда, доир ба масъалаи таҳилшаванда қайд мекунад, ки дар шароитҳои муосир объекти баҳисобгирии хароҷотро ҳамчун маҷмуи гурӯҳҳои ҳайвонот дида баромадан комилан дуруст нест, махсусан ин ба корхонаҳои парандапарварӣ тааллуқ дорад (саҳ. 73). Дар баробари ин, маъалаи мазкуро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки объекти баҳисобгирии хароҷот дар парандапарварӣ тӯдаи мурғони бавоярасида, чӯҷаҳои ҷавон, инкубатсияи тухмҳо мебошанд, ки тибқи самтҳои парвариш (тухмӣ ва гӯштӣ) ва гурӯҳҳои технологӣ ҷудо намудан мумкин аст (саҳ. 77). Дар ин росто, муаллиф гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии хароҷотро бо мақсади ташаккули баҳисобгирии таркибӣ дар парандапарварӣ дар расми 2.1.1 пешниҳод кардааст, ки аҳаммияти илмӣ ва амалиро доро мебошад (саҳ. 79).

Яке аз натиҷаҳои амалии арзишманди диссертатсия, дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо назардошти хусусиятҳои соҳа ва самтҳои фаъолият барои инъикоси боэътимод ва ҳамаҷонибаи хароҷоти истеҳсолӣ тартиби

ҳуҷҷатикунонии маҳсулоти парандапарвариро вобаста аз махсусияти корхона пешниҳод намудааст (саҳ. 93).

Ҳамчунин муаллиф дар доираи ин зербоби рисола ба масъалаи баҳодиҳии маҳсулоти қабулшуда барои баҳисобгирии муҳосибӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, қайд мекунад, ки аксарияти куллии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ барои баҳо додани маҳсулоти асосӣ ва иловагии гирифташуда арзиши одилонаро истифода намебаранд, балки арзиши нақшавиро, ки дар охири соли тақвимӣ ба дараҷаи ҳақиқӣ тасҳеҳ мегардад, истифода мебаранд (саҳ. 95), модели баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии тухми мурғ, инчунин ҳисобҳои таҳлилиро аз руйи объектҳои баҳисобгирии хароҷот пешниҳод намудааст, ки ин амали муаллифро ҳамчун навгонии арзишманд эътироф кардан мумкин аст.

Дар зербоби 2.3 рисолаи диссертатсионӣ муаллиф вазъи кунунии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарвариро таҳлил намудааст. Дар робита ба муалиф дуруст қайд мекунад, ки ки аз лиҳози қонунгузорӣ ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқие мавҷуд нест, ки тартиби ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти парандапарвариро ба танзим дарорад (саҳ. 102).

Дар ин росто, муаллифи диссертатсияи дуруст қайд менамояд, ки дар парандапарварӣ объекти калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот инҳо мебошанд: тӯдаи мурғони бавоярасида – тухмҳо; чӯҷаҳои ҷавона – афзоиши вазни зинда; инкубатсияи тухмҳо – чӯҷаҳои ҷавонаи шабонарӯзӣ. Бар замми ин, корхонаҳои парандапарварӣ ҳангоми нигоҳубини тӯдаҳои мурғони бавоярасида аз рӯйи парандагони наслдиҳанда ва саноатӣ ҷудо намудани чунин объектҳои калкулятсия ба мақсад мувофиқ мебошад: тӯдаи наслдиҳанда – тухмҳои зотӣ; тӯдаи саноатӣ – тухмҳои истеъмолӣ.(саҳ. 105).

Нуктаи дигари пешниҳодшавандаи диссертатсия, ки аҳаммияти амалӣ ва методӣ дорад, тартиби ташкили калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ бо роҳи муайян кардани пайдарпайии иҷроиши корҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ бо дарназардошти ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ мебошад. Вобаста ба ин, дар асоси таҷрибаи корхонаҳои таҳқиқшаванда, муаллиф тартиб ва пайпарпайии муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти соҳаи парандапарвариро коркард кардааст (саҳ. 108).

Пешниҳоди муаллиф вобаста аз махсусияти корхонаҳои парандапарварӣ ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот аҳаммияти амалӣ дорад, аз ҷумла кушодани зерҳисобҳои таҳлилӣ ба ҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» (саҳ. 114), инчунин асоснок намудани ворид ворид

кардани тағйирот ба Нақшаи ҳисобҳои амалкунанда вобаста аз хусусияти соҳаи парандапарварӣ ҳисобҳои таҳлилӣ ва таркибии сатҳи гуногун ба ҳисоб меравад (саҳ. 115).

**Дар боби сеюм «Мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ»** роҳҳои мукаммалгардонии методикаи баҳисобгирӣ-иттилоотии идоракунии тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ муайян карда шуда, методикаи назорати дохилӣ дар парандапарварӣ ва буҷетикунонии чараёни тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

Дар раванди таҳлил, дақиқан исбот шудааст, ки нишондиҳандаҳои ҳақиқии парандапарварӣ пешакӣ дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, ҷамъбастӣ ва сабткунакҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботҳо инъикос карда шаванд. Муаллифи диссертатсия доир ба ин, чунин ибрози андеша дорад, ки барасмиятдарории ҳуҷҷатии амалиётҳои бо истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ алоқаманд буда, шарти ҳатмии пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ мебошад, инчунин қисми ҷудонашавандаи маҷмуи принсипҳои асосии баҳисобгирӣ мебошад (саҳ. 126).

Дар ин боби рисола самтҳои асосии мукаммалгардонии шаклҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ доир ба доруворихои тиббӣ ва байторӣ [ҷадвалҳои 3.1.1], ворид намудани тухм [ҷадвалҳои 3.1.2], ҷамъоварии ҳақиқии тухмҳо [ҷадвалҳои 3.1.3] дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ аҳаммияти амалӣ дошта, санади ҷудокунии тухмҳо дар анборҳои нигоҳдории тухмҳо барои корхонаҳои парандапарварии самти истеҳсоли тухм ва ғ. коркард гардидааст, ки онҳоро метавон ҳамчун ҷанбаи методии таъминоти баҳисобгирӣ-иттилоотии идоракунии тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ эътироф намуд.

Ҳамчунин, барои корхонаҳои парандапарварӣ муаллифи рисола методикаи амалӣ намудани расмиёти назорати дохилӣ шакли ҳуҷҷати кории назорати дохилии хароҷот, даромад ва фоида аз рӯйи сегментҳо аз ҷониби муаллиф таҳия ва пешниҳод кардааст (саҳ. 143), ки ба баҳодиҳии воқеъбинонаи фаъолияти марказҳои масъулияти алоҳида метавонанд мусоидат кунад.

Саҳми дигари назаррас ва арзишмандии муаллифи диссертатсия дар он мебошад, ҷиҳати амалӣ назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ барои ҳар як маркази масъулият як қатор нишондиҳандаҳо муайян карда шудааст, ки онҳоро аз рӯйи хусусиятҳои мақсаду вазифаҳои ҳар як сохтори корхонаҳои парандапарварӣ илова кардан мумкин аст (саҳ. 144).

Илова бар ин дар зербоби 3.3 рисолаи диссертатсионӣ муаллиф методикаи буҷетикунонии фаъолияти корхонаи парандапарвариро дар доираи низоми баҳисобгирии идоракунӣ бо пешниҳоди амсилаи пайдарпайии тартибдиҳии буҷетҳо [расми 3.3.1] коркард намуда, стандарти (низомномаи) буҷетикунонии корхонаи парандапарварии «Рушди парандапарварӣ»-и шаҳри Турсунзодаро таҳия нмудааст, ки ки он ба ташаккули буҷети марказҳои масъулияти алоҳида мусоидат намуда, имконияти самаранокии назорати дохилии фаъолияти корхона ва марказҳои масъулияти онро таъмин менамояд. Ҳамзамон, буҷети истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ бо дарназардошти нишондиҳандаҳои пешбинишудаи саршумори парандагон (тухм, гӯшт, вазни зинда) коркард намудааст (саҳ. 163).

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, дар хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ – методӣ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оиди мукамалгардони баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ саҳмгузор мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди оморӣи натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот дар фаъолияти амалии корхонаи воҳиди давлатии “Саноати парандапарварии Тоҷикистон” (маълумотномаи № 26, аз 26 октябри соли 2023), ташкилоти аудиторию консалтингии ҶДММ "Тоҷик Аудит Сервис" (маълумотномаи № 21, аз 14 июни соли 2023) истифода бурда шудаанд, инчунин дар ҷараёни таълими факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (маълумотномаи № 03/820 аз 16.10.2023) истифода шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот.** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва методии такмили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ зоҳир мешавад. Дар диссертатсия аз ҷиҳати назариявӣ муҳтавои иқтисодии мафҳуми «дороиҳои биологӣ» таҳқиқ ва нуктаи назари муаллиф асоснок карда шудаанд. Равишҳои назариявӣ ва методиии гурӯҳбандии дороиҳои биологӣ вобаста аз хусусияти соҳаи парандапарварӣ ҷамъбаст карда шудааст. Ҳамчунин самтҳои мукамалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар натиҷаи шакливазкунии биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили илмию амалии бисёрсолаи муаллиф доир ба ҷанбаҳои гуногуни рушди баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарвариро фаро гирифтааст. Баъзе коркардҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида ҳангоми мукаммалгардонии заминаҳои меъёрии баҳисобгирӣ аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд, инчунин ба корхонаҳои соҳаҳои парандапарварӣ имконият медиҳанд, ки барои мукамалгардонии баҳисобгирии харочот ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот корҳоро пеш баранд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ натиҷаҳои диссертатсия** дар он аст, ки пешниҳодҳои оварда шуда метавонанд барои мутобиқ намудани низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба СБҲМ ва такомули он мусоидат намоянд, ки низоми мазкур ба фаъолияти минбаъдаи корхонаҳои парандапарварӣ муфид бошад. Фаъолияти усутвори корхонаҳои сайёҳӣ ба зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ алоқаманд, даромади буҷети давлатӣ, рушди соҳибкории инфиродӣ, зиёд гардидани ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи бекории аҳолӣ мусоидат менамояд, инчунин амнияти озуқавории мамлакатро таъмин менамояд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқарраротҳои диссертатсия ва аҳамияти иҷтимоӣ ба зиёдшавии ҷойҳои нави корӣ, қонеъ гардонидани талабот ба маҳсулоти паранда мусоидат мекунад. Ҳамчунин, имконият фароҳам оварда мешавад, ки иқтисодиёти минтақаҳо баланд бардошта шавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 7,1 ҷ.ч. нашр гардидааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшудашуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он – мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсион, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотиро пурра дар бар гирифта, мутобиқ ба талботи мавҷуда таҳия гардидааст.

**Эродҳо ва тавсияҳо**

Дар диссератсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ба чанде аз онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар зербои 1.1. муаллиф ҳангоми таҳқиқи мафҳуми “дороиҳои биологӣ” ба корҳои илмии олимону тахқиқотчиёни ватанӣ кам аҳаммият додааст. Хуб мешуд, ки диссертант ба асарҳои олимони ватанӣ бисёртар такя карда, аз онҳо васеътар истифода мебурд.
2. Мавзӯи интихобшуда хеле паҳлуҳои гуногун дорад, бинобар ин муаллиф бояд вазифаҳоро ба таври васеъ омӯхта дар оянда боз ҳам амиқтар таҳкиқ кунад.
3. Агар муаллиф дар диссертатсия оид ба гузариши корхонаҳои парандапарварӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мувофиқи Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ таҳқиқот анҷом медод, муҳтавои кор беҳтар мегашт.
4. Дар кори диссертатсионӣ пешниҳодҳои ҷолиб оид ба ворид намудани ҳисобҳои иловагӣ ба нақшаи ҳисобҳои амалкунанда оварда шудаанд. Вале ягон тасдиқот аз тарафи мақомоти ваколатдори танзимкунандаи давлатӣ оварда нашудааст.

5. Дар агар диссертант омилҳои асосии ба ташкили назорати дохилиро дар ҷадвали алоҳида нишон медод, сифта таҳқиқот хубтар мегардид.

Бояд иброз дошт, ки эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи умумӣ.** Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи "Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод гардидааст, ба бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти ба пуррагӣ анҷомрасида ҳисоб меёбад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) арзанда мебошад.

**Муқarrizi расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

***Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям:***
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Бобоев А.Х.**

(Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, ДДҲБСТ, E-mail: dalerdn@mail.ru, тел:+992928566665)

29.01.2025